# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ). Душанбе, 2023**

Дар таърихи илму фарҳанги тоҷикии охири асри XIX ва аввали асри XX нақшу ҷойгоҳи маорифпарварон ва ҷадидон хеле бузург аст. Маорифпарварӣ ҳамчун як ҷараёни пешқадам дар Осиёи Марказӣ ва Аморати Бухоро барои дар амал татбиқ кардани ғояҳои пешқадам ва ормонҳои шахсиятҳои ватандӯсту истиқлолхоҳ, аз ҷумла Аҳмад Махдуми Дониш, Мирзо Сироҷ, Аҷзии Самарқандӣ ва ҳамаслакони онҳо ба вуҷуд омада, дар густариши илму фарҳанг ва тафаккури қишрҳои гуногуни ҷомеа нақши назаррас бозидааст. Таҳқиқи мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» дар шакли як диссертатсияи илмии адабиётшиносӣ таҳия шудааст, ки кори муҳим, мубрам ва арзандаи илмист.

Автореферати Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон», ки фишурдаи диссертатсияи илмист, дар асоси талаботу дастури корҳои илмӣ навишта шуда, муҳтавои диссертатсияро ба таври пурра ифода мекунад. Ҳамаи масъалаҳои дар диссертатсия баёнгардида дар автореферат ифодаи сареҳи худро ёфтаанд. Забони таълифи автореферат равон, салис ва илмӣ буда, масъалагузориҳо, муҳокимарониҳо ва натиҷагириҳо хубанд. Автореферат муҳассаноти зиёд дорад. Автореферат ба забони русӣ хуб тарҷума шудааст.

Дар баробари бартариҳо ва муҳасанот дар автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо ба назари мо бар манфиати кор хоҳад буд:

1. Мақсади таҳқиқи диссертатсионӣ дар 3 банд баён шудааст, ҳоло он ки диссертант имкон дошт, ки бандҳоро зиёд кунад тақвият бахшад.

2. Муҳаққиқ дар таҳияи автореферат шояд хоксориро ихтиёр намудаст, ки кори анҷомдодаи худро аз нигоҳи шахси сеюм инъикос намудааст. Ӯ дар чанд маврид “Диссертант дар ин бахши кор ...... баррасӣ намудааст” менависад. Ҳол он, ки корро худи ӯ анҷом додааст. Агар ба ҷои онҳо “...Мо ин мавзуро баррасӣ намудем”, ё ҳадди ақал ба таври умумӣ “...Дар ин бахши кор фалон мавзуъ баррасӣ шудааст” менавишт, беҳтар буд.

Ба як маънӣ, автореферати диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) бо дастовардҳо ва натиҷагириҳо муҳтавои диссертатсияро ифода карда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

Номзади илмҳои филологӣ,
Директори Муассисаи давлатии
Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии
фарҳанг ва иттилооти
Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон Аминов А.Ҳ.

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 17.
Тел: +(992) 934-62-63-46, +(992) 907-62-63-46
E-mail: raboni_81@mail.ru

Имзои Аминов Абдулфатоҳро
тасдиқ мекунам:
Нозири кадри Пажӯҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот Холиқова М.И.

ШӮЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

«28» 08 соли 2023